آوازِ تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Банӣ одам аъзои якдигаранд!*

31 октябри соли 2026 Шанбе № 87 (15306)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ҲАМОИШИ СДТ ТАШАББУСҲОИ МУҲИМРО ПЕШБАРӢ КАРД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған 29–30 октябр бо сафари корӣ дар ин кишвар қарор дошт.***



Саркори давлат 30 октябр дар Ҳамоиши 13-уми Созмони давлатҳои туркӣ, ки дар шаҳри Анқара доир гардид, иштирок намуд.

Дар чорабинӣ, ки таҳти шиори «Асри туркӣ: вахдат дар забон, андеша ва амал» баргузор гардид, Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Озарбойҷон Ҷайҳун Байрамов ва Дабири кулли Созмони давлатҳои туркӣ Кубаничбек Омуралиев низ иштирок карданд.

Иштирокдорони ҳамоиш масъалаҳои мубрами рӯзномаро баррасӣ намуда, дурнамои амиқсозии ҳамкориҳои амалӣ миёни кишварҳои узвро муҳокима карданд.

Саркори давлатамон дар оғози суханронии худ ба Президенти Туркия барои дар сатҳи баланд ташкил намудани ҳамоиш ҷиҳати ба марҳалаи нав баровардани ҳамкориҳо миёни кишварҳои туркӣ як қатор ташаббусҳои муҳимро пешбарӣ кард.

Дар доираи Созмон баргузории машваратҳои мунтазами сиёсӣ оид ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳамоҳангсозии мавқеъ ва талошҳо муҳиманд. Бо ин мақсад пешниҳод шуд, ки ҳамкорӣ бо кишварҳои сеюм дар қолаби «Созмони давлатҳои туркӣ плюс» аз баргузории мулоқотҳои вазирони соҳавӣ оғоз гардад.

– Ин мулоқотҳо бояд ба татбиқсозии лоиҳаҳои мушаххаси муштарак дар соҳаҳои савдо, нақлиёт, сармоягузорӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок нигаронида шаванд, – таъкид намуд Шавкат Мирзиёев.

Қабули барномаи «Ҷаҳони туркӣ – 100», ки сад лоиҳаи муштараки стратегии соҳаҳои сармоягузорӣ ва саноат, аз ҷумла коркарди маъданҳои нодир ва маҳаллисозии истеҳсоли таҷҳизоти энергетикаи «сабз»-ро фаро мегирад, пешниҳод гардид. Дар ин замина, ҷалби захираҳои Фонди сармоягузории туркӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ба татбиқсозии ин лоиҳаҳо аҳамияти хоса дорад.

Президент таъкид намуд, ки имрӯз низоми муносибатҳои байналмилалӣ куллан тағйир ёфта, рақобатҳои геосиёсӣ шиддат мегиранд, зиддиятҳое, ки дар минтақаҳои атрофи ҷаҳони туркӣ мушоҳида мешаванд, ба амният ва дурнамои рушди кишварҳо таъсири манфӣ мерасонанд.

Аз ин рӯ, боз ҳам муттаҳид намудани Созмони давлатҳои туркӣ ба сифати майдони эътимоди мутақобила ва шарикии амалӣ муҳим арзёбӣ гардид.

– Ҳамаи мо дар ин роҳи нек якдил ҳастем ва барои ба ҳамбастагии туркӣ сафарбар намудани неруҳои ғайрати худ омодаем, – гуфт роҳбари Ӯзбекистон.

Саркори давлатамон ҷиҳати ба марҳалаи нав баровардани ҳамкориҳо миёни кишварҳои туркӣ як қатор ташаббусҳои муҳимро пешбарӣ кард.

Дар доираи Созмон баргузории машваратҳои мунтазами сиёсӣ оид ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳамоҳангсозии мавқеъ ва талошҳо муҳиманд. Бо ин мақсад пешниҳод шуд, ки ҳамкорӣ бо кишварҳои сеюм дар қолаби «Созмони давлатҳои туркӣ плюс» аз баргузории мулоқотҳои вазирони соҳавӣ оғоз гардад.

– Ин мулоқотҳо бояд ба татбиқсозии лоиҳаҳои мушаххаси муштарак дар соҳаҳои савдо, нақлиёт, сармоягузорӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок нигаронида шаванд, – таъкид намуд Шавкат Мирзиёев.

Инчунин, таъкид гардид, ки дар арафаи чорабинӣ дар боғи хушманзараи «Бештепа» ифтитоҳ гардидани маҷмааи милливу фарҳангии кишварҳо қадами муҳим дар роҳи ҳифзу гиромидошти мероси муштараки халқҳои бародар мебошад ва ин ёдгории рамзӣ ба тимсоли равшани вахдати ҷаҳони туркӣ табдил хоҳад ёфт.

Инчунин, барои ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон ташаббуси таҳияи Созишномаи бисёрҷониба «Дар бораи пешниҳоди ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои тиҷоратӣ» ва таъсиси платформаи рақамӣ барои мубодилаи электронии дархост ва ҳуҷҷатҳои марбут ба кумакрасонии ҳуқуқӣ пешбарӣ гардид.

Дар шароити кунунӣ, ки занҷираҳои таъминоти ҷаҳонӣ тағйир меёбанд, мавқеи ҷуғрофӣ ва имкониятҳои транзитии кишварҳои туркӣ аҳамияти рӯзафзуни стратегӣ касб мекунанд.

Бо мақсади ба низоми ягонаи иқтисодӣ табдил додани Долони миёна, таъсис додан ва якҷоя идора кардани «Шабакаи маҷмааҳои логистикии давлатҳои туркӣ» пешниҳод шуд. Ин иқдом барои густариши иштироки кишварҳои мо дар ҳамлу нақли байналмилалии бор ва соҳаи логистика, инчунин, афзудани манфиатҳои иқтисодии онҳо имкон медиҳад.

Бо мақсади тавсеаи иқтидори соҳаи сайёҳӣ таъсиси «Иттиҳоди сайёҳии туркӣ», инчунин таҳияи созишномаи бисёрҷониба оид ба соддагардонии сафарҳои мутақобилаи шаҳрвандон ва васеъ намудани имкониятҳои сафар дар асоси ID-кортҳо пешниҳод гардид.

Гуфта шуд, ки дар доираи «Стипендияи Ӯзбекистони Нав», ки дар кишвари мо барои ҷавонони хориҷӣ таъсис ёфтааст, ҳамасола ба намояндагони давлатҳои туркӣ грантҳои таълимӣ ҷудо карда мешаванд.

Инчунин, барои дастгирии ташаббуси чун «Соли ҳифзи табиат» эълон кардани соли 2027 сипосгузорӣ намуда, бо мамнуният таъкид гардид, ки Ҷоизаи байналмилалӣ ба номи мутафаккири бузург ва арбоби давлатӣ Алишер Навоӣ, ки бо пешниҳоди Ӯзбекистон таъсис ёфтааст, ба Арбоби шоистаи санъати Қазоқистон, сафир Дюсен Касеинов супурда шудааст.

Ҳазрат Алишер Навоӣ, ки тамоми умри худро ба рушди забони туркӣ бахшидааст, таъкид карда буд, ки «Ба забон беихтиёрӣ – ба миллат беэътиборӣ». Бо назардошти шиори ҳамоиши имрӯза, ташаббуси офаридани «Луғати вожаҳои муштараки туркӣ», ки барои ҳамаи халқҳои туркӣ яксон фаҳмо буда, калимаҳои муштараки он забонҳоро фаро мегирад, пешниҳод гардид.

– Бовар дорам, ки ҳамоиши имрӯзаи Анқара дар роҳи ноил шудани мо ба ҳадафҳои начиб, ғояи ҳамбастагӣ ва нақшаҳои бузург қадами муҳим хоҳад буд. Зеро орзуву ният ва талошҳои ҳамаи мо муштараканд. Вақте мо муттаҳидем, боз ҳам нерумандтар мешавем. Агар ҳамчиҳат бошем, албатта ба марраҳои боз ҳам бузургтар хоҳем расид, – гуфт роҳбари давлат дар анҷоми суханронии худ.

Дар чорабинӣ гуфта шуд, ки номзадии намояндаи Ӯзбекистон Мирвоҳид Азимов ба вазифаи Дабири кулл Созмони давлатҳои туркӣ дастгирӣ ёфта, ҳамоиши навбатӣ соли оянда дар Ӯзбекистон баргузор мешавад.

Дар анҷом Эъломияи Анқара ва як қатор санадҳо, ки ба густариши минбаъдаи ҳамкории мутақобилан судманди кишварҳои узви созмон нигаронида шудаанд, қабул гардиданд.

Бо ҳамин сафари кории Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Туркия ба анҷом расид.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҲАМОИШИ СОЗМОНИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКӢ

Аълоҳазрат ҷаноби Реҷеп Таййип Эрдоған!

Муҳтарам сарони давлатҳо ва ҳайатҳо!

Хонумҳо ва ҷанобон!

Бо камоли хушнудӣ аз мулоқот бо шумо, дӯстони азиз, дар шаҳри зебои Анқара, ки дар чорроҳаи тамаддунҳои бузург ҷойгир аст, истиқбол менамоям.

Бародари азизам, Аълоҳазрат ҷаноби Реҷеп Таййип Эрдоған ва тамоми мардуми Туркияро ба муносибати ҷашни фархунда – Рӯзи ҷумҳурӣ самимона муборакбод менамоям.

Ба мардуми бародари Туркия сулҳу субот, некӯаҳволӣ, ободиву шукуфоӣ ва комёбиҳо орзумандам.

Ба Президенти муҳтарами Туркия барои дар сатҳи баланд ташкил намудани ҳамоиш, ки таҳти шиори **«Асри туркӣ: вахдат дар забон, андеша ва амал»** баргузор мегардад ва меҳмоннавозии самимӣ изҳори сипоси хосса менамоям.

Ифтитоҳи маҷмааи миллии фарҳангии давлатҳои мо дар боғи хушманзараи Бештепа дар арафаи ҳамоиш қадами муҳим дар роҳи ҳифзи мероси мушторакии халқҳои турк ба шумор меравад. Итминон дорам, ки ин иншооти бошукӯҳ ба рамзи равшани вахдати ҷаҳони турк табдил хоҳад ёфт.

Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!

Имрӯз низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ шуда, рақобати геосиёсӣ шиддат мегирад. Муноқишаҳои мусаллаҳона ва ихтилофоти дар минтақаҳои атрофи ҷаҳони турк идомаёбанда на танҳо ба амният, балки ба робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, нақлиётӣ ва дурнамои рушди кишварҳо низ таъсири манфӣ мерасонанд.

Мо Созмони давлатҳои туркиро, ки дорои захираҳои ғании табиӣ ва имкониятҳои бузурги иқтисодӣ буда, тадриҷан ба яке аз марказҳои бонуфузи рушди ҷаҳонӣ табдил меёбад, ҳамчун минбари эътимоди мутақобила ва шарикии амалӣ арзёбӣ менамоем.

Зарур аст, ки дар атрофи ҳадафҳои стратегии худ боз ҳам зичтар муттаҳид шуда, манфиатҳои муштарақамонро дар арсаи байналмилалӣ якҷоя пеш барем. Ҳамаи мо дар ин роҳи нек якдил ҳастем ва барои ба ҳамбастагии туркӣ сафарбар намудани неруҳои ғайрати худ омодаем.

Дӯстони азиз!

Мо баргузории мунтазами машваратҳои сиёсиро дар доираи Созмони давлатҳои туркӣ оид ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин ҳамоҳангсозии мавқеъ ва иқдомҳои муштарақамонро муҳим мешуморем.

Нуфузи Созмон дар арсаи байналмилалӣ, аз ҷумла, ба қобилияти он дар рушди муносибатҳои ошкоро ва судманд бо шарикони хориҷӣ вобаста мебошад.

Бо ин мақсад пешниҳод менамоям, ки ҳамкорӣ бо кишварҳои сеюм дар қолаби «Созмони давлатҳои туркӣ плюс» аз баргузории мулоқотҳои вазирони соҳаҳои гуногун оғоз гардад. Ин мулоқотҳо бояд ба татбиқсозии лоиҳаҳои мушаххаси муштарак дар соҳаҳои савдо, нақлиёт, сармоягузорӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок нигаронида шаванд.

Ҳамзамон, ба мо зарур аст, ки ҳамкориҳои технологиро амиқтар намуда, кооператсияи саноатиро рушд диҳем, ки имкони якҷоя ба бозори ҷаҳонӣ роҳ ёфтанро фароҳам меорад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# НЕРӮИ БАРҚ АСОСИ ОБОДИҲОСТ

***Ҳукуматҳо ҳамеша талош меварзанд, ки тамоми соҳаҳои иқтисодиётро дар қаламрави худ тараққӣ диҳанд ва аз баракоти онҳо шароити зисти мардумро беҳбуд бахшанд, суботро дар хоки худ таъмин созанд, истиқлоли худро ҳифз кунанд. Иқтисодиёти пешрафта на танҳо ҳаёти мардумро обод мекунад, балки як нишондоди умдаи муайян сохтани мавқеи давлатҳо низ ба шумор меравад. Рушди иқтисодӣ неруи дифоии ҳар гуна кишварҳои дурандешро боло бурда, вайро аз ҳама гуна хавфу хатар ҳимоят мекунад. Аммо вобастагии иқтисодӣ зербиноҳои истиқлоли давлатро суст ва орзуҳои дерини мардумро дар роҳи расидан ба озодии комил таҳти суол қарор медиҳад.***

Хоса, Ӯзбекистон солҳои охир ба истеҳсоли «неруи сабз» бештар тамаркуз гирифта, дар ин роҳ маблағи зиёде харҷ месозад. Ватани мо ба истеҳсоли «неруи сабз» мувофиқ буда, дар амал татбиқ намудани ҳар гуна лоиҳа аз фоида дур нахоҳад монд. Бо истифода аз неруи шамол, офтоб ва об истеҳсоли неруи барқ ба ҳукми анъана даромада, ба дурнамои ояндаи рушди иқтисодии кишвари мо таъкид мекунанд. Бо нишондоди роҳбари хирадманд ва дурандеши ҷумҳурӣ Шавкат Мирзиёев дар тамоми қаламрави кишвар, аз ҷумла, дар вилояти Қашқадарё низ коргоҳҳои муқтадири истеҳсоли неруи барқ бунёд меёбанд, ки маҳсули онҳо аз нигоҳи экологӣ тоза буда, ба муҳити зист таҳдиде надоранд. Бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва маболиғи бузурги кишвар сохта шудани неругоҳҳои барқии обӣ ва офтобию шамолӣ ниёзи коргоҳҳои калони истеҳсолиро, ки сол аз сол шумораашон меафзоянд ва талаботи рӯзафзуни мардумро ба неруи барқ бароварда месозанд.

Дар соҳилҳои дарёи Оқсуи ноҳияи Шаҳрисабз, ки аз самти деҳаи Гелон ба обанбори Ҳисорак ҷорист, чандин неругоҳи барқии обӣ сохта шудаанд, ки имрӯзҳо ба истиқлоли энергетикии кишварамон ҳиссаи муносиб мегузоранд. Президент Шавкат Мирзиёев ҳини сафари корӣ худ ба вилояти Қашқадарё дар расми кушоиши НБО-и «Работ», «Чаппасув» ва «Тамшуш» ширкат варзид ва ин коргоҳҳоро дар рушди иқтисодиёти минтақа ва беҳтар шудани шароити зисти мардуми он омили муҳиме хонд. Ин коргоҳҳо аз ҷониби Ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекэнерго» сохта шуда, ба истеҳсоли 24 МВТ неруи барқи аз нигоҳи экологӣ тоза қодир ҳастанд. НБО-и «Работ», «Чаппасув» ва «Тамшуш» дар асоси технологияҳои замони муосир бунёд ёфта, тамоми сол фаъол хоҳанд монд. Аммо фаслҳои баҳору тобистон неруи истеҳсолии онҳо афзуда, ба халқу давлат бештар хидмат хоҳанд кард. Ин НБО-ҳои нав дар як сол ба ҳисоби миёна 105,1 миллион квт. соат неруи барқ истеҳсол мекунанд. Назар ба ҳисоби мутахассисони соҳа, барои истеҳсоли ҳамин миқдор неруи барқ дар неругоҳҳое, ки бо гази табиию ангишт кор мекунанд, 31,5 миллион мукаабметр газ ва ҳудуди 50 ҳазор тонна ангишт лозим аст. Аммо зиёни онҳоро ба муҳити зист ва табиат набояд фаромӯш сохт. Неруи барқи сабзе, ки НБО-и «Работ», «Чаппасув» ва «Тамшуш» истеҳсол мекунанд, имкон медиҳад, ки 44 ҳазор хонадон бо неруи барқ таъмин гарданд.

Дар истеҳсоли неруи барқи сабз Ӯзбекистон беш аз пеш ҳавасманд аст ва ояндаи дурахшони ин соҳаро дар бунёди коргоҳҳои тавлидгари барқ, ки аз неруи об, офтоб ва шамол бархурдоранд, мебинад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**



*Дар филиали минтақаи озоди иқтисодии «Қўқанд» дар Қувасой, ки дар ҳудуди ҶШМ «Бунёдкор»-и шаҳри Қувасойи вилояти Фарғона ҷойгир аст, фаъолияти корхонаи муштараки Ӯзбекистону Чин – «Crown Ceramik» ба роҳ монда шуд.*

*Ба лоиҳаи мазкур, ки соли 2025 ба фаъолият сар кард, ба миқдори 70 миллион доллари ИМА сармоя равона карда шудааст. Аз он 30 миллион доллар ба ҳисоби соҳибкори маҳаллӣ, 40 миллион доллари боқимонда бошад, ба ҳисоби сармояи Чин мувофиқ меояд.*

*Дар корхона ашёи хоми маҳаллӣ коркард шуда, барои объектҳои сохтмонии замонавӣ плитаҳои керамогранит истеҳсол мешаванд.*

*Дар доираи лоиҳа тақрибан 500 ҷойи корӣ ташкил шуд. Ба 30 миллион доллари ИМА расонидани ҳаҷми содироти солонаи корхона дар назар аст.*

***Дар акс:*** *дар корхонаи муштараки ӯзбекистониву чиной.*

***Аксбардор: Муқимҷон ҚОДИРОВ (ЎзА).***

*Ҷиноят ва ҷазо*

# ОҚИБАТИ «БОВАРӢ» ДАР ФУРУДГОҲ:
## ТИЛЛОИ 112-МИЛЛИОНСЎМӢ ВА ДОМИ ФИРЕБИ 30-ДОЛЛАРӢ

***Имрӯз дар кишвари мо пешгирии ҷиноят ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор мераванд. Бо вуҷуди чораҳои густурдаи пешгирикунанда, содалавҳӣ ё таваккалкории баъзе шаҳрвандон ва аз сӯйи дигар, талоши ҷиноятқорон барои ба даст овардани сарвати осон, то ҳол боиси оқибатҳои ногувор мегардад. Махсусан, бовар кардан ба шахсони ношинос дар ҷойҳои серодам, аз қабили фурудгоҳу истгоҳҳои роҳи оҳан, ҳамоно мушкили мубрам боқӣ мемонад.***

Ҳодисае, ки чанде пеш дар фурудгоҳи байналмилалии Тошканд рух дод, бори дигар нишон дод, ки чӣ гуна эътимоди беандеша метавонад инсонро қурбони қаллобӣ гардонад ва кӯшиши ба даст овардани манфиати ночиз чӣ гуна метавонад ба ҷинояти сангин оварда расонад.

8 майи соли ҷорӣ дар фурудгоҳи байналмилалии Тошканд нақшаи ҷиноятқорона амалӣ гардид. Шаҳрванд З.Ш. дар толори парвозҳои фурудгоҳ миёни мусофирони хатсайри № НУ-271 самти Тошканд – Истанбул шахсеро меҷуст, ки 65 грамм маснуоти тиллоиашро барои ба Туркия расондан розӣ шавад.

Шаҳрванд Р.Т., ки аз соли 2025 ба овардани либос аз Истанбул ва фурӯши он дар бозори «Абу Сахӣ» машғул буд, аз ин вазъ истифода бурда, нақшаи бо роҳи қаллобӣ аз худ кардани моли дигаронро тарҳрезӣ мекунад.

Р.Т. ҳамчун мусофир ба боварии З.Ш. даромада, мегӯяд, ки бори зиёдатӣ надорад. Ӯ ваъда медиҳад, ки ба ивази ҳамагӣ 30 доллари ИМА 65 грамм тиллоро ба шаҳри Истанбул мерасонад. Ҳамин тариқ, бо роҳи фиреб тилловории дорои пробаи 916-ро, ки арзиши умумии он 112 миллиону 669 ҳазору 221 сӯм (9 ҳазору 300 доллар) буд, аз мусофири боваркардааш мегирад. Ҳангоми санҷиш кормандони гумрук ва хадамоти амнияти авиатсионии фурудгоҳ аз Р.Т. дар бораи ин тилло мепурсанд, аммо ӯ хуфиёна аз назорат мегузарад.

Бо вуҷуди ин, пеш аз парвоз З.Ш. ба номи ӯ бағочи 35-килограммаро ба қайд гирифта, талони онро худаш нигоҳ медорад. Ин ҳолат Р.Т.-ро ба хашм меорад. Ӯ аз рӯйи қаҳру қасос ҳам дар дохили ҳавопаймо ва ҳам пас аз расидан ба Истанбул ба шахсоне, ки барои гирифтани тилло омада буданд, дурӯғ гуфта, иддао мекунад, ки онро «ба дигарон додааст» ё «гум кардааст».

Дар асл, ӯ маснуоти қиматбаҳоро ба бозори «Лалелӣ»-и шаҳри Истанбул бурда, ҳар граммашро ба 84 доллар, дар маҷмӯъ ба маблағи 5 ҳазору 460 доллари ИМА мефурӯшад ва пулро барои эҳтиёҷоти шахсиаш сарф мекунад. Баъдан, дар пайи баҳсу мунозира ва таҳдидҳои соҳибони тилло дар Туркия, маҷбур мешавад як қисми маблағро баргардонад.

Чунонки мегӯянд, ҳар кирдоре оқибати худро дорад. Имрӯз фурудгоҳу истгоҳҳои роҳи оҳан бо низомҳои муосири назорати видеоӣ муҷаҳҳаз буда, маҳкомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд ҳар амали шубҳанокро ошкор кунанд.

Нисбат ба Р.Т. бо банди «а»-и қисми дуюми моддаи 168 Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, яъне қаллобӣ дар ҳаҷми калон ҳукм эълон карда шуд. Дар ҷараёни тафтишот ӯ гуноҳи худро пурра эътироф кардааст.

Ин ҳодиса моро водор месозад, ки аз ду ҷиҳат хулоса барорем.

Хатои соҳиби тилло ин аст, ки бо мақсади саркашӣ аз назорати гумрук ё сарфа кардани маблағи интиқоли бағоч, ба шахси комилан ношинос дар фурудгоҳ бовар карда, моли арзишаш 112 миллион сӯмро супурдан бемасъулиятӣ буда, барои содир шудани ҷиноят замина фароҳам меорад.

Хомхаёлии қаллоб ин буд, ки ӯ «дар хориҷ фурӯшам, касе хабар намеёбад ё маро пайдо карда наметавонанд» гуфта, фикр мекунад.

Надонистани қонун инсонро аз ҷавобгарӣ озод намекунад ва барои ҳар амали ҷиноятқорона ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамватанони азиз! Ҳангоми ҳузур дар фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ва автовокзалҳо ҳамеша ҳушёр бошед. Аз интиқоли бағочи шахсони ношинос қатъиян даст кашед. Зеро дар дохили боре, ки шумо бо нияти нек мерасонед, метавонад маводи мамнӯъ ё шахсе, ки ба ӯ бовар кардаед, қаллоб бошад. Молу мулк ва озодии худро зери хатар нагузоред. Ҳушёрӣ талаби замон аст!

**Шерзод ШОДМОНОВ,**
**муфаттиши шуъбаи тафтишотии Идораи департаменти таъмини амният дар объектҳои нақлиёт ва сайёҳии ВКД Ӯзбекистон.**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҲАМОИШИ СОЗМОНИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ҳамчун иқдоми амалӣ пешниҳод менамоем, ки Барномаи «Ҷаҳони туркӣ – 100» қабул карда шавад. Он бояд сад лоиҳаи стратегии муштараки сармоягузорӣ ва саноатиро фаро гирад. Дар ин раванд истифодаи самараноки захираҳои Фонди сармоягузории туркӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ барои татбиқи ин лоиҳаҳо аҳамияти махсус дорад.

Ба коркарди пурраи маъданҳои нодир ва стратегӣ, маҳаллисозии истеҳсоли таҷҳизот барои энергетикаи «сабз» ва истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда бояд афзалияти махсус дода шавад.

Бо дарназардошти рушди босуръати робитаҳои иқтисодии мо, эҳтиёҷот ба механизмҳои муштараки ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкорон меафзояд. Бо ин мақсад таҳияи Шартномаи бисёрҷониба «Дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои тиҷоратӣ» зарур аст. Ин ҳуҷҷат барои эътирофи мутақобила ва иҷрои қарорҳои суд заминаи устувори ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Мо ҳамчунин ҷонибдори густариши робитаҳо миёни мақомоти ваколатдори дахлдор мебошем. Дар ин замина таъсиси платформаи рақамиро, ки барои табодули электронии дархостҳо оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳо пешбинӣ шудааст, муҳим мешуморем.

Дар шароити кунунии тағйирёбии занҷираҳои ҷаҳонии таъминот мавқеи ҷуғрофӣ ва имкониятҳои транзитии давлатҳои туркӣ аҳаммияти ҳарчи бештари стратегӣ пайдо мекунанд.

Бо мақсади густариши иштироки кишварҳои узви СДТ дар ҳамлу нақли байналмилалии бор ва соҳаи логистика, инчунин баланд бардоштани манфиатдории иқтисодии онҳо, зарур аст, ки Долони миёна ва дигар масирҳои нақлиётии ба он пайваст ба низоми ягонаи иқтисодӣ табдил дода шаванд. Мо таъсиси Шабакаи маҷмаҳои логистикии давлатҳои туркӣ ва таъмини идоракунии муштараки онро пешниҳод менамоем.

Ҳамчунин, зарур аст, ки аз имкониятҳои бузурги соҳаи сайёҳӣ ҳамаҷониба истифода барем. Танҳо дар соли 2025 ба кишварҳои мо беш аз 100 миллион сайёҳи хориҷӣ ташриф овардаанд.

Вақти он расидааст, ки «Иттиҳоди сайёҳии туркӣ» таъсис дода шавад, то тавонем шаҳрҳои таърихӣ, табиати нотакрор, фарҳанги ғанӣ ва анъанаҳои меҳмоннавозии халқҳои туркро ба ҷаҳониён якҷоя муаррифӣ намоем.

Барои кӯтоҳ кардани масофаҳои дур ва осон гардондани зиндагии шаҳрвандони худ пешниҳод менамоем, ки Созишномаи бисёрҷониба оид ба сафарҳои мутақобилаи шаҳрвандон таҳия карда шавад. Дар он масъалаҳои васеъ намудани имконияти сафар бо истифода аз кортҳои ID, содагардонии тартиби убури сарҳад ва будубош дар қаламрави кишвари қабулкунанда бояд инъикос ёбанд.

Асоси пешрафти технологиро сармояи инсонӣ ва пеш аз ҳама насли ҷавоне ташкил медиҳад, ки дорои дониш ва малакаҳои муосир мебошад. Сармоягузорӣ ба таҳсили ҷавонон заминаи устувори ҳамкориҳои дарозмуддати мост.

Дар доираи «Стипендияи Ӯзбекистони Нав», ки дар кишвари мо таъсис дода шудааст, барои таҳсили 500 донишҷӯи хориҷӣ дар асоси грант имконият фароҳам оварда шудааст. Мо омодаем, ки ҳамасола ба намояндагони кишварҳои туркӣ 200 гранти таҳсил ҷудо намоем. Ҷавононро кишварҳои бародарро даъват менамоем, ки аз ин имконият самаранок истифода баранд.

Аз фурсат истифода бурда, барои дастгирии ташаббуси мо дар бораи дар доираи Созмон Соли ҳифзи табиат эълон намудани соли 2027 изҳори сипоси махсус менамоям.

Итминон дорам, ки вазифаҳои афзалиятноки соли оянда дар мулоқоти вазирони масъули масъалаҳои экологияи кишварҳои мо дар ҳошияи Конфронси СОР-31, ки дар Анталия баргузор мегардад, мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

Дӯстони азиз!

Тавре ба шумо маълум аст, бо мақсади ҳавасмандгардонии шоистаи шахсоне, ки дар таҳкими ваҳдати ҷаҳони турк саҳми бузург гузоштаанд, мо Ҷоизаи байналмилалии ба номи мутафаккир ва арбоби бузурги давлатӣ Алишер Навоиро таъсис дода будем.

Бешубҳа, маросими дирӯзаи супурдани ин ҷоизаи бонуфуз ба Арбоби шоистаи санъати Қазоқистон, сафир Дюсен Касеинов ба ҷавонони мо, ки дар соҳаҳои илму санъат ва адабиёт ба ҷустуҷӯҳои эҷодӣ машғуланд, нерӯ ва илҳоми тоза мебахшад.

Алишери Навоии бузург, ки тамоми умри худро ба рушди забони туркӣ бахшидааст, таъкид карда буд: «Ба забон беихтиёрӣ – ба миллат беэътиборӣ». Бо дарназардошти шиори ҳамоиши имрӯза пешниҳод менамоям, ки «Луғати вожаҳои муштараки туркӣ» таъсис дода шавад. Ба он вожаҳои муштараки забонҳои мо, ки барои тамоми халқҳои турк яксон фаҳмо мебошанд, ворид карда шаванд.

Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!

Бори дигар Ҷаноби олӣ, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон, муҳтарам Садир Нурғоҷоевич Ҷапаровро ба муносибати сарфароз гардиданаш бо мукофоти бонуфузи Созмони мо – «Ордени олии ҷаҳони турк» самимона табрик менамоям.

Ба Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон, муҳтарам Илҳом Ҳайдарович Алиев барои корҳои назаррасе, ки Озарбойҷон дар давраи раёсаташ дар Созмон ҷиҳати таҳкими риштаҳои бародарии халқҳои турк ва ба сатҳи нав баровардани муносибатҳои мо анҷом дод, изҳори сипоси самимӣ менамоям.

Итминон дорам, ки Туркия, ки раёсати Созмони давлатҳои туркиро ба уҳда мегирад, дар амиқтар гардондани ҳамкориҳои иқтисодии мо ва ба натиҷаҳои амалӣ табдил додани ташаббусҳои нав саҳми бузург мегузорад.

Ба Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Туркия, муҳтарам Реҷеп Таййип Эрдоған дар иҷрои ин рисолати пуршараф муваффақиятҳои бузург орзумандам.

Ҳамчунин, омодагии худро барои баргузор намудани ҳамоиши навбатии Созмон дар соли оянда дар Ӯзбекистон изҳор менамоям.

Мехоҳам боз ба як масъалаи рӯзномаи ҳамоиш таваҷҷуҳ намоям.

Дар иҷрои вазифаҳои бузурге, ки дар назди мо қарор доранд, муттаҳидии давлатҳои узв ва фаъолияти самараноки Котибот аҳаммияти махсус дорад. Ба Кубаничбек Омуралиев, ки дар даврai сипаришуда дар вазифаи Дабири кулл пурсамар фаъолият намуда, дар ҳамаҷониба баланд бардоштани нуфузи Созмони мо саҳми назаррас гузоштааст, изҳори сипос менамоям.

Барои дастгирии номзадии намояндаи Ӯзбекистон Мирвоҳид Азимов ба вазифаи Дабири кулл ба ҳамаи шумо миннатдорӣ баён мекунам. Итминон дорам, ки Дабири кулли нав дар татбиқи вазифаҳои афзалиятноки Созмон ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мо саҳми арзанда мегузорад.

Ҳамтоёни муҳтарам!

Бовар дорам, ки ҳамоиши имрӯзаи Анқара дар роҳи ноил шудани мо ба ҳадафҳои наҷиб, ғояи ҳамбастагӣ ва нақшаҳои бузург қадами муҳим хоҳад буд.

Зеро орзуву ният ва талошҳои ҳамаи мо муштараканд.

**Вақте мо муттаҳидем, боз ҳам нерумандтар мешавем.**

**Агар ҳамҷиҳат бошем, албатта ба марраҳои боз ҳам баландтар хоҳем расид!**

# ИКАТ: АЗ ҲУНАРИ МИЛЛӢ ТО ЭЪТИРОФИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***Ассотсиатсияи «Ҳунарманд» дар доираи лоиҳаи «Ikat Connection», ки бо дастгирии молиявии Бунёди байналмилалии ALIPH ва Иттиҳоди Аврупо амалӣ мешавад, бо мақсади баррасии масъалаҳои ҷорӣ намудани стандартҳои миллии сифат ва нишонаҳои сифат барои маҳсулоти икати Ӯзбекистон нишасти матбуотӣ баргузор кард.***



Роҳбари лоиҳаҳо ва коршиноси байналмилалӣ дар соҳаи саноати эҷодии Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Аврупо Надежда Здравкова дар бораи стандартҳои ҷории сифат ва ба чор категория ҷудо шудани матоъҳои икат маълумот дод.

– Икат як навъи матои нақшдор аст, ки бо истифода аз усули махсуси ранг кардани риштаҳо пеш аз бофтан истеҳсол мешавад. Он аз ҷумлаи матоъҳои дастбофти анъанавӣ буда, дар ҷаҳон шуҳрат дорад. Тақсимбандии он ба категорияҳо бо назардошти технологияи истеҳсол, ашёи хоми истифодашуда, тарзи рангубор ва дигар меъёрҳои сифат сурат мегирад, – афзуд Н. Здравкова.

Ба гуфтаи коршинос, барои ин матоъҳо чор навъи тамғаи сифат – тиллоӣ, нуқрагӣ, сабз ва кабуд пешбинӣ шудааст. Тамғаи тиллоӣ ба матоъҳое дода мешавад, ки сад дарсад аз абрешими холис дастӣ бофта шуда, бо рангҳои табиӣ ранг шудаанд. Тамғаи нуқрагӣ ба матоъҳои дастбофте дода мешавад, ки аз абрешими табиӣ ва наххои пахта омода гардида, бо рангҳои табиӣ рангубор шудаанд. Тамғаи сабз ба матоъҳое дода мешавад, ки дар истеҳсоли онҳо рангҳо ва наххои табиӣ ё кимиёвӣ истифода шудаанд. Матоъҳои икате, ки бо истифода аз технологияҳои мошинӣ истеҳсол мешаванд, соҳиби тамғаи кабуд мегарданд. Дар ҳамаи категорияҳо устувории ранг нисбат ба шустани дастӣ яке аз меъёрҳои муҳими арзёбии сифат ба ҳисоб меравад.

Рангҳои тамғаҳои сифат бо назардошти рангҳои Парчами давлатӣ – кабуд, сафед ва сабз интихоб шуда, бо рангҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ пурра гардидаанд. Ин низом ба истеъмолкунандагон имкон медиҳад, ки таркиб, усули истеҳсол ва хусусиятҳои сифатии матоъҳоро аз ҳам фарқ кунанд ва ҳангоми харид интихоби дуруст дошта бошанд.

Аъзои Ассотсиатсияи «Ҳунарманд» метавонанд соле як маротиба барои гирифтани тамғаи сифат ройгон муроҷиат намоянд. Барои ин онҳо бояд намунаи матоъро ҳамроҳ бо маълумот дар бораи номи ҳунарманд ё бофанда, маҳалли истеҳсоли маҳсулот, номи нақш, соли офариниш, ранг ва ашёи хоми истифодашуда пешниҳод кунанд.

Танҳо пас аз омӯзиш ва арзёбии намунаҳои пешниҳодшуда ба ҳунармандоне, ки маҳсулоташон ба талаботи категорияи дахлдор ҷавобгӯ аст, нишони рақамии сифат, нишони рақамии дорои маълумоти маҳсулот ва шаҳодатномаи сифат тақдим мегардад.

Ин ташаббус ба ҳифз ва рушди анъанаҳои миллии ҳунармандӣ, муаррифии васеи хусусият ва сифати хоси икатҳои Ӯзбекистон, баланд бардоштани нуфузи маҳсулоти миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ, инчунин, такмили донишу маҳорати истеҳсолкунандагони ҷавон нигаронида шудааст.

**Гулҷаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ҶАШНВОРАИ АДАБӢ-МАЪРИФАТӢ АҲЛИ ҚАЛАМРО ГИРДИҲАМ ОВАРД

***29 октябр маҷмааи илмӣ-маърифатӣ ва сайёҳии «Бурҳониддин Марғинонӣ»-и шаҳри Марғелон, ки ҳамчун «Гавҳари водӣ» низ маълум аст, ба маросими бошукӯҳи «Ҷашнвораи байналмилалии адабиёт ва китобхонӣ» мизбонӣ намуд. Ин чорабинии фарҳангӣ таҳти шиори «Дӯстии адабӣ – дӯстии абадӣ!» сурат гирифт.***



Шерзодҷон Полвонов, муовини ҳокими вилояти Фарғона дар маросими ифтитоҳи ҷашнвораи байналмилалӣ меҳмононро ба маҷмааи тозабунёди «Бурҳонуддин Марғинонӣ» самимона хайрамақдам гуфт.

– Ғояи асосии ҷашнвора нияти нек, муколамаи самимӣ ва арзишҳои муштаракро дар худ таҷассум менамояд. Бешубҳа, адабиёт як неруи беҳамтои маънавӣ аст, ки қалбҳои мардумро муттаҳид мекунад ва эҳтиром ва ҳамбастагиро тақвият медиҳад. Барои ҳамин иштироки аҳли адабу фарҳанги беш аз 15 кишвари ҷаҳон, ки аз Тоҷикистон, Туркия, Озарбойҷон, Арабистони Саудӣ, Белорус, Қирғизистон, Амрико, Русия, Туркманистон ва амсоли он ба вилояти мо ташриф овардаанд, нуфузи ин ҷашнвораро боз афзун хоҳанд кард, – афзуд Полвонов.

Дар ҳавлии рамзии Мирзокарим Кутидор, ки дар як самти маҷмааи «Бурҳонуддин Марғинонӣ» ҷойгир шудааст ва тамошои он пеши назар манзараҳои дар китоби «Рӯзҳои мозӣ»-и Абдулло Қодирӣ инъикосёфтаро ҷилвагар месозад, маросими шеърхонӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар он чеҳраҳои маъруфи адабӣ ва эҷодкорон ба қироати шаърҳое пардохтанд, ки ба забонҳои гуногун садо дод. Бе муҳобот, он ба қироати шеъри байналмилал мубаддал гардид, ки аз худ таассороти хеле бузург боқӣ гузошт.

– Ҳар гуна ҳамоише, ки дар он шеъру ғазалу рубоӣ садо медиҳанд, ҳатман гуворову диққатҷалбкунандаанд ва дар таҳкими дӯстиву рафоқат, ҳамкории фарҳангӣ ва баркарор гардидани робитаҳои адабии байни халқҳо низ мусоидат хоҳанд кард, – мегӯяд шоир, раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Фарғона Масъуди Мирзо.

Вай меафзояд, ҳаргиз интизор набуд, ки бо шоири тавонои тоҷик Сиёвуш маҳз дар ин ҷашнвора рӯ ба рӯ мешавад. Ба гуфтаи Масъуди Мирзо шоир Сиёвуш, ки баъди солҳои дароз аз муҳоҷирату мусофират чанд моҳ пеш ба Тоҷикистон баргаштааст, дӯсти даврони ҷавонияш мебошад.

Ногуфта намонад, ки ҳамроҳи ӯ ёвари раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Акбар Абдулло, раиси Маркази миллӣ-фарҳангии ӯзбектаборони вилояти Суғд Илҳомҷон Юсупов ва чанд тани дигар ба намояндагӣ аз аҳли адабу маърифат низ омадаанд, то ки дар ин ҷашнвораи байналмилалии «Дӯстии адабӣ – дӯстии абадӣ!» ширкат варзанд.

Акнун тамоми се рӯз, яъне то 31 октябр шаҳри Марғелон бо ин шаҳристони пур аз манораву гумбаз ба маркази адабиёт, маърифат ва муколамаи эҷодӣ табдил хоҳад ёфт. Дар он нависандагон ва шоирон, чеҳраҳои барҷастаи адабӣ, инчунин намояндагони ТУРКСОЙ бо баргузор кардани конфронсҳои илмиву адабӣ ва маърифатӣ мавзӯъҳои гуногунро баррасӣ мекунанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Дар мамлакатамон афзоиши даромади аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъмини устувори бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян шудааст.***

# МАНБАИ ДАРОМАД



Дар ин робита, ба ҷорӣ намудани равишҳои замонавӣ дар соҳаи чорводорӣ, васеъ кардани занҷири истеҳсолот ва рушди чорводорӣ дар хонаводаҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Маҷмааи замонавии чорводорӣ, ки аз ҷониби ҶММ »Чортоқ ҳалол чорвачилик» дар ноҳияи Чортоқ таъсис дода шудааст, ифодаи амалии ин вазифаҳо мебошад.

Маҷмаа, ки бо харҷи қариб 3 миллиард сӯм сохта шудааст, имкони нигоҳдории 700 сар чорвои калонро дорад.

Қобили зикр аст, ки чорво аз Чин ворид ва ба чорводорони маҳаллӣ мувофиқи тартиби муқарраршуда расонида мешавад. Моҳи гузашта аз Чин 650 сар чорвои зотӣ ворид карда шуд. Имрӯзҳо боз 600 сар чорвои зотӣ ба ноҳия расонида мешавад.

Ҳамин тариқ як системаи муттаҳиди логистикӣ ташаккул меёбад, ки равандҳоро аз воридоти чорво то қабул, нигоҳдорӣ, нигоҳубин ва расонидани он ба чорводорон фаро мегирад.

Ин ба чорводорӣ имкон медиҳад, ки аз як фаъолияти одии иқтисодӣ ба як занҷири истеҳсолии замонавӣ ва пайваста табдил ёбад. Муҳимтар аз ҳама, ворид шудани чорвои зотӣ ба чорводории маҳаллӣ ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли гӯшт, васеъ кардани манбаъҳои даромад барои хонаводаҳо ва устувор кардани таъминоти маҳсулот дар бозори дохилӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар доираи лоиҳа 15 ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст.

Чунин лоиҳаҳо дар бахши чорводорӣ натиҷаи амалии имкониятҳое мебошанд, ки давлат барои субъектҳои соҳибкорӣ фароҳам овардааст.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Наманган.**

# «ТЕЛЕФОНИ БОВАРӢ» ЗЕРИ НАЗОРАТ АСТ, АММО...

**«Муштарии махфӣ барои арзёбии сифати хидматрасонӣ»**

Мувофиқи банди 5-уми Фармони Президент аз 27 ноябри соли 2023 «Дар бораи чораҳои такмили минбаъдаи сохтори мубориза бо коррупсия, инчунин, баланд бардоштани самарадории низоми назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо», дар назди Агентии мубориза алайҳи коррупсия вазифа гузошта шудааст, ки бо мақсади арзёбии сатҳи самарадории низоми бозхӯрди мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо чорабиниҳои «Муштарии махфӣ барои арзёбии сифати хидматрасонӣ»-ро ташкил ва баргузор намояд.

Тибқи Фармон чорабинии мазкур бо мақсади санҷидани фаъолияти доимии телефонҳои боварӣ (Call-марказҳо)-и мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, инчунин рақамҳои телефони сомонаҳои расмии онҳо, самарадории мубодилаи маълумот ва мавҷудияти алоқаи дубора гузаронида мешавад ва раванди мазкур таҳти назорати агентӣ қарор мегирад.

Бино ба маълумоти Хидмати матбуоти агентӣ тавассути чунин чорабиниҳо сатҳи самарадории низоми



бозхӯрд, сари вақт ҷавоб додан ба зангҳои телефонӣ, фароҳам будани имконияти ирсоли ариза, пешниҳод ва шикоятҳо тавассути рақамҳои тамос, инчунин ҷорӣ гардидани механизми пешниҳоди тавзеҳот ва машваратҳои ҳуқуқӣ ба муроҷиаткунандагон арзёбӣ мешавад.

– Танҳо дар моҳи майи соли ҷорӣ дар доираи чорабиниҳои «Муштарии махфӣ барои арзёбии сифати хидматрасонӣ» каналҳои тамоси сомонаҳои расмии 39 мақомоти давлатӣ ва ташкилот мавриди омӯзиш қарор гирифтанд, – мегӯяд роҳбари Хидмати матбуоти Агентии мубориза алайҳи коррупсия – мушовир оид ба забони давлатӣ Шерзод Сафаров. – Аз рӯйи натиҷаҳои омӯзиш, дар 31 ташкилот (79,5 фоиз) камбудӣ ба назар нарасид. Аммо дар 8 ташкилот (20,5 фоиз) мавҷудияти мушкилоти гуногун муайян гардид. Дар доираи мониторингӣ нақшавӣ бошад, фаъолияти телефонҳои боварӣ, Call-марказ ва дигар рақамҳои тамоси сомонаҳои расмии 24 ташкилоти марказӣ ва 15 ҳокимияти маҳаллии вилояти Намангон тавассути санҷишҳои амалӣ тафтиш карда шуд.

Бино ба таъкиди масъули соҳа, дар ҷараёни озмоишҳо дар як вазорат, се агентӣ ва чор ҳокимият камбудиҳо ошкор гардидаанд. Аз шумораи умумии ташкилотҳое, ки мушкил муайян шудааст, ҳафттоаш (87,5 фоиз) ба агентӣ ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ рост меояд.

Зангҳое, ки 14 ва 20 май ба телефони боварӣ ва рақами дигари Вазорати фарҳанг амалӣ гардиданд, пас аз 2 дақиқаю 34 сония қатъ шуданд. Ҳангоми зангҳои санҷишӣ ба Агентии хадамоти гидрометеорологӣ алоқа пас аз 1 дақиқаю 33 сония қатъ гардида, барои ирсоли муроҷиат низ имкон вуҷуд надошт. Ҳангоми тамос бо телефони боварии Агентии рушди соҳаи тиб ва дорусозӣ занг пас аз 1 дақиқаю 37 сония қатъ гардид. Дар Агентии васеъсозии ҷангалҳо ва минтақаҳои сабз, мубориза бо биёбоншавӣ натиҷаи мусбат қайд шуд.


– «Телефони боварӣ»-и сомонаи ҳокимияти вилояти Намангон масдуд (блок) шудааст ва ба рақами кӯтоҳи 1056 низ касе ҷавоб надод, – идома медиҳад Шерзод Сафаров. – Дар телефонҳои боварӣ ва дигар рақамҳои ҳокимияти ноҳияҳои Чуст, Намангон ва Намангони Нав низ камбудиҳо ошкор гардиданд. Аз ҷумла, зангҳои пайваста ба ҳокимияти ноҳияи Чуст бечавоб монданд. Рақаме, ки дар сомонаи ҳокимияти ноҳияи Намангон сабт шудааст, дар система вуҷуд надорад. Дар ноҳияи Намангони Нав бошад, истифодаи хидматрасонӣ имконнопазир аст.

Аз ҳашт ташкилоти дорои камбудӣ дар «Телефони боварӣ»-и ҳафт ташкилот (87,5 фоиз) камбудӣ мушоҳида шуд. Аз ин рӯ, дар Агентии хадамоти гидрометеорологӣ ва ҳокимиятҳои ноҳияҳои Чуст, Намангон ва Намангони Нав таъминсозии имконияти қабули муроҷиатҳо ва гузаронидани санҷиши тақрорӣ аҳамияти махсус дорад.

*Мавзӯъ барои мулоҳиза*

***Дар ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои мақола дар бораи фаъолияти телефонҳои эътимодноки ҳокимиятҳои давлатии мамлакат ба «Телефони боварӣ»-и 80 шаҳру ноҳияи панҷ вилоят – Самарқанд, Фарғона, Қашқадарё, Андиҷон ва Бухоро, ки дар сомонаи Портали ҳукуматӣ – www.gov.uz сабт шудаанд, дар вақти соатҳои гуногун занг задем.***

***Натиҷаҳо, яъне бурду бохти фаъолияти онҳоро дар мақолаҳои «Телефони боварӣ» боваринок аст?!» («Овози тоҷик», № 85, 24 октябри соли 2026) ва «Аз зангҳои бечавоб то маълумоти нодуруст» («Овози тоҷик», № 86, 28 октябри соли 2026) баррасӣ намуда, дар охир саволе ба миён гузоштем, ки фаъолияти «Телефони боварӣ»-и мақомот ва муассисаҳои гуногунро кадом ташкилот назорат мекунад? Дар ин мақола ба ин масъала таваққуф кардем.***




## Ба ҷойи хулоса

13 марти соли ҷорӣ таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев оид ба такмили тартиби кор бо муроҷиатҳои аҳолӣ, ба зинаи нав бардоштани фаъолияти Қабулхонаҳои халқӣ ва таҳлили амиқи афкори ҷамъиятӣ ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардида буд. Зимни он таъкид шуд, ки шиори «Маро зарур аст, ки мушкилоти ҳар як инсон ва хонадонро донам ва сари вақт кумак расонам» бояд ба қоидаи асосии фаъолияти ҳар як ҳокими ноҳия, шаҳр ва вилоят, инчунин вазирон, роҳбарони ташкилотҳои минтақавӣ табдил ёбад.

Албатта, дар давраи сипаришуда баргузории қабулҳои сайёри ҳокимон, мулоқоти роҳбарон бо аҳолӣ ва вохӯриҳои ошкоро нисбат ба пеш фаъолтар шуданд. Аммо дар ин миён фаъолияти бемайлони «Телефони боварӣ» низ аҳамияти вижа дорад. Он бояд пули мустаҳками байни шаҳрванд ва ҳокимият, воситаи воқеии ҳалли мушкилот ва омили таҳкими боварии мардум ба мақомоти маҳаллӣ бошад, на рақаме танҳо барои «зеб»-и сомона. Аз маълумоти мақомоти масъул бармеояд, ки бо вуҷуди пайгирӣ ва назорати доимӣ, фаъолияти телефонҳои боварӣ ҳанӯз ҳам аз камбудиҳо орӣ нестанд. Пас, вақти он расидааст, ки аз назорату санҷишҳои маъмулӣ ба иқдомҳои мушаххасу натиҷаовар гузарем. Албатта, дар ин раванд пурзӯр кардани масъулияти шахсони дахлдор барои фаъолияти ғайриқаноатбахш ва корношоямии «Телефони боварӣ», роҳандозии назорати мунтазам ва санҷишҳои ногаҳонӣ муҳим аст. Ҳамзамон, истифодаи технологияҳои рақамӣ, сабти автоматии зангҳо, назорати фаврии дастрасии хатҳои тамос, арзёбии мунтазами сифати хидматрасонӣ, муҳимтар аз ҳама, татбиқи чораҳои қатъии ҷавобгарӣ нисбат ба масъулони бемасъулият метавонанд ба ҳалли мушкил мусоидат кунанд.

> *Зеро занги бечавоб ва бепарвоӣ ба муроҷиат, на танҳо эътимоди шаҳрвандонро ба маълумоти сомона ва фаъолияти ҳокимият, балки боварии онҳоро ба давлат низ то ҷое коста мегардонад. Аз ин рӯ, санҷиши мунтазами корбарии рақамҳо, назорати посухгӯии масъулон ва бартараф кардани камбудиҳои мавҷуда аз ҷониби ҳокимиятҳо хеле муҳим аст.*

Набояд фаромӯш кард, ки дар паси ҳар муроҷиат мумкин аст мушкили як инсон, оромии як хонадон ва гоҳе сарнавишти чандин нафар ниҳон бошад. Бетаваҷҷуҳӣ ба он, дар асл, беэътиборӣ ба мушкили одамон аст. Дар мамлакати мо, ки арҷгузорӣ ба қадри инсон дар меҳвари тамоми ислоҳот қарор дорад, чунин муносибат ба фаъолияти «Телефони боварӣ» наметавонад қобили қабул бошад.

**Фаридуни ФАРҲОДЗОД,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ҚАЛАМКАШЕ АЗ ВОҲАИ СӮХ

Авазҷон Назаркулов соли 1952 дар деҳаи Сариканда ба дунё омадааст. Солҳои 1969–1973 дар факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Самарқанд ба номи Садриддин Айнӣ таҳсил намуда, донишу малакаи худро дар соҳаи забон ва адабиёт такмил додааст.

Фаъолияти меҳнатии ӯ аз омӯзгорӣ оғоз гардидааст. Ӯ дар мактабҳои ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ва Абуалӣ ибни Синои ноҳия ба таълиму тарбияи насли наврас машғул шуда, дар ин давра таҷрибаи педагогӣ ва ҷаҳонбинии маърифатии худро ташаккул додааст.

Аз охири соли 1973 фаъолияти касбии ӯ ба рӯзноманигорӣ пайваст. Солҳои 1973–1992 ба ҳайси ҷонишини муҳаррири рӯзномаи ноҳиявии «Ҳаёти нав» (ҳоло «Садои Сӯх») фаъолият намуда, дар рушди матбуоти маҳаллӣ ва инъикоси масъалаҳои иҷтимоию фарҳангии минтақа саҳм гузоштааст. Соли 1980 ба узвияти Иттифоқи журналистони Иттиҳоди Шӯравӣ пазируфта шудани ӯ аз марҳалаҳои муҳими фаъолияти касбиаш ба шумор меравад.

Дар баробари рӯзноманигорӣ Авазҷон Назаркулов ба эҷоди асарҳои адабӣ низ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст. Намунаҳои осори ӯ дар маҷмӯаҳои дастҷамъии «Ҷилои ахтарони Сӯх», «Хиёбони меҳргиёҳ» ва рӯзномаҳои марказӣ ба табъ расидаанд. Китоби «Чордара» низ бахше аз мероси эҷодии ӯст.

Яке аз хусусиятҳои қобили таваҷҷуҳи сабки эҷодии Авазҷон Назаркулов мухтасарбаёнӣ ва ифодаи андешаҳои фарогир бо сухани кӯтоҳу пурмазмун мебошад. Ин равишро метавон бо таъбири адабии «дар қатра баҳрро нишон додан» тавсиф кард. Омӯзиши осори ӯ барои шинохти амиқтари хусусиятҳои мавзӯӣ, забонӣ ва бадеии эҷодиёташ замина фароҳам меорад.

Фаъолияти Авазҷон Назаркулов пайванди се самти муҳим – маориф, матбуот ва адабиётро таҷассум мекунад. Ин соҳаҳо дар ҳифзи арзишҳои маънавӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва интиқоли таҷрибаи фарҳангӣ ба наслҳои оянда нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва муаррифии мероси чунин шахсиятҳо барои таҳкиқи таърихи фарҳангии маҳал аҳаммияти илмию маърифатӣ дорад.

Барои ман, ҳамчун набераи Авазҷон Назаркулов ва омӯзгор, муаррифии фаъолияти бобоям на танҳо ифодаи эҳтироми хешутаборӣ, балки масъулияти маънавӣ дар назди мероси фарҳангии гузаштагон аст. Ҳифзи хотираи аҳли илму адаб, омӯзиши осори онҳо ва шинос намудани насли ҷавон бо фаъолияти чунин шахсиятҳо яке аз роҳҳои муҳими таҳкими пайванди маънавии наслҳо мебошад.

Мероси маънавии Авазҷон Назаркулов дар фаъолияти омӯзгорӣ, рӯзноманигорӣ ва эҷодиёти адабии ӯ таҷассум ёфтааст. Ин мерос ҳамчун бахше аз таърихи фарҳангии диёр шоистаи омӯзиш, эҳтиром ва арҷгузорист.

**Шоҳназар АВАЗХОНОВ,**
**омӯзгори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ.**

***Дар таърихи фарҳангу маърифати ҳар як диёр шахсиятҳое ҳастанд, ки бо фаъолияти созанда ва осори эҷодии худ дар рушди маънавии ҷомеа саҳми арзанда мегузоранд. Яке аз чунин шахсиятҳо рӯзноманигор, адиб ва омӯзгор Авазҷон Назаркулов мебошад, ки фаъолияти касбӣ ва эҷодии ӯ бо таърихи матбуот, маориф ва адабиёти диёри Сӯх робитаи зич дорад.***

# МЕҲРГОН ҶАШНИ ДӮСТӢ ШУД

***Саҳни мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бӯка намуди идона дошт. Ду тарафи роҳ, ки аз саҳни мактаб то роҳи калони маркази деҳа мебарояд, бо ҳар гуна овезаву гулҳо оро дода шуда буд. Аз тарафи рости саҳна дар сояи дарахтони зардолу шогирдони мактаб – рассомони ҷавон сурат мекашиданд. Дар тарафи чапи саҳна бошад, чанд нафар шатранҷбозӣ мекарданд.***




Атрофи саҳнаро катҳо бо дасторхонҳои пур аз нозу неъмат ҳусн мебахшиданд. Хонандагону омӯзгорон меҳмононро интизор буданд, зеро ҷашни «Меҳргон» таҷлил мешуд.

Меҳмонон бо сардории раиси Маркази миллии тоҷикони вилояти Тошканд Саврон Мирзоев ташриф оварданд. Муовини ҳоким, раиси занону духтарон Зиёда Маннобова, раиси маҳала ва меҳмонон аз ноҳияи Масчоҳи Тоҷикистон низ расида омаданд. Дар чорабинӣ аз мактабҳои гирду атроф низ хонандагони миллатҳои гуногун ҳузур доштанд. Тадбир бо баромадҳои консертиву театрии шогирдону намоиши либосу рақсҳои миллӣ басо рангину ҷаззоб гузашт.

Хонандагони мактабҳои қирғизӣ, қазоқӣ, туркманӣ ва русӣ ҷашнвораро ба ҷашни дӯстӣ табдил доданд. Як ҷиҳати фарқкунандаи ҷашн аз солҳои гузашта он буд, ки байни падару модарони хонандагон таҳти шиори «Волидайни китобхон» озмун гузаронида шуд.

Саволу ҷавоби хаттӣ бинобар қиссаи «Марги судхӯр»-и Устод Садриддин Айнӣ, аз ёд гуфтани шеър дар ҳаҷми на камтар аз 20 мисраъ (аз устод Лоиқ Шералӣ) шартҳои озмун буд.

8 нафар волидайни аз 40 то 60-сола сабқат карданд. Иштирокдорон барои ин 3 шабонарӯз вақт доштанд. Натиҷаи озмун ҳайратовар буд. Ҷойи якумро Фотима Боева бо 28 хол соҳиб гардид. Ҷойи дуюм ба Сабзпарӣ Сулаймонова бо 18 хол насиб кард ва ҷойи сеюмро Одинамоҳ Қурбонова бо 16 хол ишғол намуд.

Ба ғолибон ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравии маъмурияти мактаб тақдим гардид.

Дар ҷашнвора ҳамчунин байни хонандагони мактабҳои 9-уму 43-юм ва меҳмонон бозии «Заковат» ба амал омад. Дар он ҷамоаи «Зарафшон»-и мактаби 9-ум пирӯз шуд.

Ғайр аз ин миёни хонандагони синфҳои 8-11-уми мактаби мизбон таҳти шиори «Оши палави беҳтарин» озмуни палавпазӣ ба роҳ монда шуд ва синфи 8-ум ҷойи аввал, синфи 9-ум мақоми дуюм ва синфи 11 ҷойи сеюмро соҳиб шуданд. Ба ҳамаи онҳо низ ифтихорномаву туҳфаҳо пешкаш гардиданд.

Меҳмонон-ҳофизони ноҳияи Масчоҳи Тоҷикистон Самадҷон ва Сафарбой бо сурудҳои ҷозибадори худ ба ҷашн ҳусни хос бахшиданд ва ба меҳру мамнунияти тамошобинон мушарраф гардидаанд.

Ҷашни «Меҳргон» то шом давом кард.

**Сулаймон СОДИҚ,**
**омӯзгори мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.**

# «ЭҲЁИ ИЛҲОМ» ИСТЕЪДОДҲОИ НАВРО КАШФ КАРД

***Дар Маркази ахбор-китобхонаи ба номи Пушкини шаҳри Самарқанд марҳилаи вилоятии озмуни «Эҳёи илҳом» баргузор гардид.***

Дар ин чорабинии адабию маърифатӣ роҳбари шуъбаи вилоятии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Тошпӯлод Тугалов, шоир Зӯҳро Эшонқулова, Маҳмаризо Абдурахмонов, эҷодкорон инчунин ғолибони марҳилаҳои ноҳиявии озмун иштирок намуданд.

Дар оғози чорабинӣ Тошпӯлод Тугалов доир ба мазмуну моҳият ва ҳадафҳои асосии озмун маълумот дод. Ӯ таъкид намуд, ки дастгирии аҳли эҷод, кашфи истеъдодҳои нав ва фароҳам овардани имконият барои муаррифии маҳорати онҳо аз ҳадафҳои муҳими чунин озмунҳо ба шумор меравад.

Дар чорабинӣ иштирокчиён намунаҳои эҷоди худро пешниҳод намуда, маҳорату истеъдод ва муҳаббати худро ба адабиёту эҷод нишон доданд. Ин гуна озмунҳо барои аҳли қалам на танҳо майдони санҷиши маҳорат, балки имконияти хубе барои табодули таҷриба, пайдо намудани ғояҳои тоза ва густариши робитаҳои эҷодӣ мебошанд.

Дар охири чорабинӣ ғолибони марҳилаи ноҳиявӣ мукофотонида шуда, ба иштирокчиёни дигар ба зинаи вилоятӣ роҳхатҳо супорида шуд.

**Асалмоҳ САРХАТЗОДА.**
*САМАРҚАНД.*

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

## Муолиҷаи озах (севол, бородавка)

Пиёзро бо намак кӯфта, ба рӯйи озах гузоред. Пухтаи сирпиёзи тару тозаро бандед. Ҳар рӯз чанд маротиба бо дамкарда ё ҷӯшоби явшон (шувоқ) пок карда истед. Ба севолҳои хурд оби қоқу (момоқаймоқ) молед, онро нест хоҳад кард.

## Ҳангоми сӯхтан аз оҳаки тез

Ҳангоми сӯхтан аз оҳаки тез, пӯстро бо об шустан мумкин нест. Зеро ҳангоми ба ҳам омехтани оҳак ва об гармӣ ҷудо шуда, ҷароҳати сӯхтаро вазнинтар мекунад. Аввал оҳаки ҷойи сӯхтаро бо матои тоза хуб пок мекунанд, баъд бо оби равон мешӯянд ё равғани растанӣ мерезанд. Ҷойи сӯхта бо докаи тамизшуда баста мешавад.

## Барои тоза кардани испурч (талоқ)

Агар ҳамарӯза ба миқдори 0,2 грамм заъфарон истеъмол намоед, он испурчро дар сатҳи олӣ тоза мекунад.

## Ҳангоми варами испурч

Дамкардаи барги зирк ҳангоми варами испурч, инчунин дар бемориҳои ҷигар истифода мешавад.

## Ҳангоми кирм задани бадан (миаз)

Кокутӣ (кийикӯти)-и хушкро кӯфта, ба ҷойи кирмзада пошанд, кирмҳоро нобуд мекунад.

## Ҳангоми берун баромадани ноф

Райҳони кӯҳиро кӯфта, бо равғани зайтун ва зира омехта банданд, ба нофе, ки берун баромадааст, фоида мерасонад ва боди даруни узвро кам мекунад.

## Ҳангоми шукуфа (темиратки)

Ибни Сино хокистари сирпиёзро бо асал омехта, барои шукуфа марҳам тайёр кардааст.

## Ҳангоми бемориҳои пӯст

Шарбат ва марҳами сабр (алоэ) бемориҳои шадид ва музмини пӯстро табобат мекунад. Захм, ҷароҳат ва сӯхтаҳоро бартараф намуда, пӯстро ба ҳолати пешинааш бармегардонад.

## Ҳангоми доғҳои сафеди пӯст

Тухми навро шикаста, пӯсташро ношуста 3 дақиқа меҷӯшонанд. Сипас, хунук карда, бо оби зарф ҷойҳоеро, ки доғи сафед доранд, пок мекунанд. Баъд аз 10–15 дақиқа шуста, бо дастмол пок намекунанд. Муолиҷа то аз байн рафтани доғҳо такрор карда мешавад.

## Ҳангоми сӯхтани пӯст

Тухми бодиринг дарунро мулоим мекунад, ранг ва равшании рӯйиро нигоҳ медорад, инчунин ҳангоми сӯхтани пӯст ва варамҳо кӯмак мерасонад.

## Барои нигоҳубини пӯст

Ба зарфи 4–8 литра оби ҷӯш андохта, ба даруни он решаи хушки гиёҳи нардсунбул (валериана)-ро дар халтача мегузоранд: барои калонсолон 100 грамм, барои кӯдакон 50 грамм. Онро 30 дақиқа меҷӯшонанд, сипас зарфро аз оташ гирифта, 1 соат дам медиҳанд. Баъдан ҷӯшобро ба ваннаи пуроб мерезанд ва ҳарорати обро ба 36,6–37 дараҷа мерасонанд. Сипас, 15–30 дақиқа ванна қабул мекунанд. Ин барои кӯдакон ва ҳам калонсолон фоидаовар аст. Хориши пӯстро рафъ мекунад, пӯстро мулоим месозад ва равғанҳои зиёдатии сӯрохиҳои пӯстро хориҷ менамояд.

**(Давом дорад).**

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА,**
**А. РӮЗИМАТОВ.**

# ОЯНДАИ ИЛМ БА СИФАТИ ТАЪЛИМ БАСТАГӢ ДОРАД

***ё худ оиди вазъи таълими фанҳои дақиқ, рушди тафаккури мустақил ва нақши зеҳни сунъӣ дар омодасозии кадрҳои соҳиблаёқат***



***Солҳои охир талабот ба таҳсилоти олӣ афзоиш ёфта, шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ зиёд мешавад. Ҳамзамон, як қатор донишгоҳҳои ғайридавлатӣ ба фаъолият оғоз намудаанд. Аммо суоле ба миён меояд: оё афзоиши шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба баланд бардоштани сифати дониш ва омода кардани кадрҳои соҳиблаёқат мусоидат мекунад? Дар ин бора бо номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи математикаи амалии Донишгоҳи давлатии иқтисодии Тошканд Шоҳпӯлод БОБОҶОНОВ суҳбат оростем.***

***Шоҳпӯлод Бобоҷонов математик, омӯзгор ва муҳаққиқест, ки фаъолияти илмию омӯзгории худро соли 1981 оғоз кардааст. Ӯ солҳои зиёд ба таълиму тарбияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ машғул мебошад. Самтҳои асосии фаъолияти илмии ӯ таҳлили математикӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ ва усулҳои математикӣ мебошанд. Муаллифи мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои соҳавӣ дар тӯли фаъолияти омӯзгории худ 24 китоби дарсӣ ва дастури таълимиро барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ таълиф кардааст. Ӯ ба баланд бардоштани сатҳи дониши математикӣ, рушди тафаккури мантиқӣ ва қобилияти таҳлилии донишҷӯён таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Ҳадафи асосии фаъолияти ӯ пайванди донишҳои назариявии математикӣ бо талаботи амалии соҳаи иқтисод ва тарбияи мутахассисони соҳибсалоҳият аст.***

**– Вазъи таълими математика ва физикаро дар Ӯзбекистон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Ба андешаи мо, арзёбии вазъи таълими математика ва физика бояд ҳам дастовардҳо ва ҳам мушкилоти ҳалношудаи ин соҳаро дар бар гирад. Дар кишвар барои рушди таълими фанҳои дақиқ, дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва баланд бардоштани сифати таҳсил заминаҳои муайян фароҳам оварда шудаанд. Аммо мавҷудияти чунин имкониятҳо ҳанӯз маънои онро надорад, ки ҳамаи хонандагону донишҷӯёни донишҳои устувор дошта, онҳоро мустақилона истифода бурда метавонанд.

Дар ин замина, натиҷаҳои таҳқиқоти байналмилалӣ аҳаммияти махсус доранд. Тибқи маълумоти арзёбии байналмилалии PISA 2022, ки Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) нашр кардааст, дар Ӯзбекистон 19 дарсади хонандагони 15-сола аз фанни математика ба сатҳи дуюм ё болотар аз он расидаанд. Дар кишварҳои узви OECD ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна 69 дарсадро ташкил медиҳад. Дар ин арзёбӣ на танҳо донистани қоидаҳо, балки қобилияти истифодаи дониш дар ҳолатҳои воқеӣ ва ҳалли масъалаҳои ғайримуқаррарӣ низ санҷида мешавад.

Ба назари мо, ин натиҷаҳо зарурати такмили минбаъдаи усулҳои таълим, таҳкими робитаи назария бо амалия ва рушди тафаккури мантиқиро таҳлилии хонандагонро нишон медиҳанд. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки натиҷаи як арзёбии байналмилалӣ тамоми паҳлуҳои низоми маорифро инъикос намекунад.

Масъалаи асосӣ танҳо зиёд кардани ҳаҷми маводи таълимӣ нест. Муҳим он аст, ки хонанда ё донишҷӯ моҳияти мафҳумҳоро дарк кунад, андешаи худро бо далел асоснок намояд, роҳи ҳалли масъаларо мустақилона интихоб кунад ва дурустии натиҷаро санҷида тавонад.

**– Ба андешаи Шумо, кадом усулҳои таълим самаранокторанд: анъанавӣ ё муосир?**

– Ман ҷонибдори муқобил гузоштани ин ду равиш нестам. Самаранокии таълим бештар ба он вобаста аст, ки омӯзгор кадом усулро бо чӣ мақсад ва дар кадом марҳилаи дарс истифода мебарад.

Дар таълими математика шарҳи мантиқии омӯзгор, баёни дақиқи таърифу теорема, исботи онҳо, ҳалли намунавии масъалаҳо ва машқҳои пайдарпай аҳаммияти худро нигоҳ медоранд. Аммо агар донишҷӯ танҳо шарҳи омӯзгорро шунавад ва намунаи тайёрро такрор кунад, имкони ташаккули тафаккури мустақилонаи ӯ маҳдуд мемонад.

Дар таҷрибаи омӯзгории худ чанд сол боз аз унсурҳои технологияи рушди тафаккури интиқодӣ (ТРТИ) истифода мебарам. Дар ин равиш се марҳила – даъват, дарккунӣ ва бозандешӣ — аҳаммияти хос доранд.

Ин усул бо натиҷаҳои таҳқиқоти OECD низ ҳамоҳанг аст. Барои ҳалли масъалаҳои мураккаби математикӣ танҳо азёд кардани қоидаҳо кофӣ нест. Донишҷӯ бояд стратегияи мувофиқи ҳалли масъаларо интихоб намуда, донишҳои худро эҷодкорона истифода барад.

Аз ин рӯ, ба назари ман, вазифаи омӯзгори муосир танҳо интиқоли дониш нест. Ӯ бояд чунин муҳити таълимӣ фароҳам оварад, ки донишҷӯ дар он андеша кунад, савол диҳад, далел биёрад ва тадриҷан ба омӯзиши мустақилона омода шавад.

**– Зеҳни сунъӣ ба раванди таълим чӣ гуна таъсир мерасонад?**

– Зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф ҳам имкониятҳои нав фароҳам меорад ва ҳам масъалаҳои ҷиддиро ба миён мегузорад. Аз як тараф, он метавонад дар шарҳи мафҳумҳои душвор, пешниҳоди намунаҳо, таҳияи машқҳо ва маводи таълимӣ, инчунин дастгирии омӯзиши мустақилона кумак расонад. Аз тарафи дигар, истифодаи нодурусти он метавонад донишҷӯро ба гирифтани ҷавобҳои тайёр одат кунонад ва зарурати мустақилона фикр карданро коҳиш диҳад.

Масъала танҳо дар он нест, ки донишҷӯ аз зеҳни сунъӣ истифода мебарад ё не. Муҳим он аст, ки ин технологияро чӣ гуна ба кор мебарад. Агар донишҷӯ ҳалли масъаларо аз система гирифта, бидуни дарки моҳияти он қабул кунад, чунин амал ҳанӯз далели азхуд кардани мавзӯъ нест. Аммо агар аз зеҳни сунъӣ барои муқоисаи роҳҳои гуногуни ҳалли масъала, ошкор кардани хато ва санҷидани фарзияҳои худ истифода барад, он метавонад воситаи муфиди омӯзиш гардад.

Дар роҳнамои ЮНЕСКО оид ба истифодаи зеҳни сунъии тавлидкунанда дар маориф ва таҳқиқот зарурати муносибати инсонмеҳвар, ҳифзи маълумоти шахсӣ, истифодаи бехатару одилонаи технология ва ба назар гирифтани нақши омӯзгор таъкид шудааст.

Аз ин рӯ, ман на ҷонибдори манъи куллии зеҳни сунъӣ ҳастам ва на истифодаи бечунучарои онро дуруст мешуморам. Ба донишҷӯён бояд истифодаи масъулонаи ин технологияро омӯзонд. Масалан, ҳангоми ҳалли масъалаи математикӣ онҳо метавонанд ҷавоби пешниҳодкардаи зеҳни сунъиро таҳлил намуда, дурустии ҳар як қадамро санҷанд ва хатоҳои эҳтимолиро муайян кунанд.

Зеҳни сунъӣ бояд ёвари омӯзиш бошад, на ҷойгузини тафаккури инсон. Меъёри асосии муваффақият на зуд пайдо кардани ҷавоб, балки дарки моҳияти масъала ва қобилияти мустақилона асоснок кардани натиҷа мебошад.

**– Ҷавononи лаёқатмандро дар соҳаи математика ва физика чӣ гуна метавон муайян ва дастгирӣ кард?**

– Муайян кардани лаёқати математикӣ ё физикӣ танҳо аз рӯйи баҳои баланд дуруст нест. Баҳои хуб метавонад нишондиҳандаи азхудкунии маводи таълимӣ бошад, аммо қобилияти гузоштани саволҳои нав, ошкор кардани робитаҳои ғайриошкор, пешниҳоди роҳҳои ғайримуқаррарии ҳалли масъала ва устуворӣ ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо мушкилот низ бояд ба назар гирифта шаванд.

Барои ошкор кардани чунин қобилиятҳо зарур аст, ки дар баробари супоришҳои стандартӣ ба хонандагон масъалаҳои мантиқӣ, таҳқиқотӣ ва эҷодӣ низ пешниҳод карда шаванд. Омӯзгор бояд на танҳо ҷавоби ниҳоӣ, балки тарзи фикрронӣ, қобилияти асоснок кардани андеша ва мустақилона омӯхтани хонандаро низ арзёбӣ кунад.

Олимпиадаҳои фаннӣ яке аз воситаҳои муайян ва дастгирии истеъдодҳо мебошанд, аммо набояд ягона восита бошанд. На ҳар ҷавони лаёқатманд метавонад дар озмоиш натиҷаи баланд нишон диҳад. Баъзеҳо барои ошкор кардани қобилиятҳои худ ба муҳити дастгиркунанда, роҳнамоии омӯзгор ва вақти бештар ниёз доранд.

Дар Ӯзбекистон низ барои дастгирии ҷавononи боистеъдод тавассути олимпиадаҳо ва ташкили низоми махсуси кор бо онҳо тадбирҳо андешида мешаванд. Аз ҷумла, Вазорати таълим ва илму фан дар бораи низоми нави ташкили олимпиадаҳои фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дастгирии донишҷӯёни заковатманд, ки бо қарори Девони Вазирон аз 17 сентябри соли 2026 тасдиқ шудааст, хабар додааст.

Аммо муайян кардани лаёқат танҳо қадами аввал аст. Қадами баъдӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди он мебошад. Ин пешниҳоди масъалаҳои сатҳашон баланд, роҳнамоии омӯзгорони соҳибтаҷриба, дастрасӣ ба китобу манбаъҳои илмӣ, иштироки мақсаднок дар озмунҳо ва ҳавасмандгардонии фаъолияти таҳқиқотиро дар бар мегирад.

Ба назари ман, вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки истеъдоди ҷавонро сари вақт ошкор намуда, барои рушди он шароит фароҳам оварад.

**– Дар таълими математика ва физика омӯзгорон бештар бо кадом мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд?**

– Яке аз масъалаҳои муҳим фарқияти сатҳи омодагии хонандагону донишҷӯён мебошад. Дар як гурӯҳ метавонанд донишҷӯёне таҳсил кунанд, ки асосҳои фанро хуб азхуд карда, барои ҳалли масъалаҳои мураккаб омодаанд. Ҳамзамон, донишҷӯёни дигар дар фаҳмиши мафҳумҳои ибтидоӣ душворӣ мекашанд.

Аз ин рӯ, омӯзгор бояд равандаи таълимро тавре ба роҳ монад, ки ҳам донишҷӯёни ба кумаки иловагӣ ниёздошта дастгирӣ ёбанд ва ҳам донишҷӯёни пешрафта барои рушди минбаъдаи қобилиятҳои худ имконият пайдо кунанд.

Мушкили дигар азёд кардани формулаҳо бе дарки маънои онҳост. Дар математика ва физика донишҷӯ метавонад формуларо аз ёд донад, аммо ҳангоми тағйир ёфтани шарти масъала роҳи мувофиқи ҳалли онро пайдо карда натавонад. Барои пешгирӣ аз чунин ҳолат, дар баробари омӯзиши назария, фаҳмидани моҳияти мафҳумҳо, асосноки формулаҳо, шартҳои татбиқи онҳо ва робитаи байни мавзӯъҳо низ зарур аст.

Ин мушкилотро танҳо бо зиёд кардани шумораи машқҳо ҳал кардан имконнопазир аст. Зарур аст, ки донишҷӯён роҳи ҳалли худро шарҳ диҳанд, усулҳои гуногунро муқоиса кунанд, хатоҳои содиршударо таҳлил намоянд ва дурустии натиҷаҳоро санҷанд.

Албатта, мушкилоти таълим на танҳо ба фаъолияти омӯзгор вобастаанд. Сифати китобҳои дарсӣ, дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ, вақти ҷудошуда, шумораи донишҷӯён дар гурӯҳ ва шароити муассиса низ таъсири назаррас доранд. Аз ин рӯ, беҳтар кардани сифати таълим муносибати низомнок ва ҳамкории омӯзгорон, роҳбарияти муассисаҳо ва ниҳодҳои масъулро тақозо мекунад.

**– Ба ҷавононе, ки мехоҳанд соҳаҳои математика ва физикаро интихоб кунанд, чӣ маслиҳат медиҳед?**

– Аввалин маслиҳати ман ин аст, ки ба омӯзиши амиқи асосҳои фан таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кунанд. Дар математика бе азхуд кардани мафҳумҳои асосӣ, таърифҳо, теоремаҳо ва усулҳои исбот пеш рафтан душвор аст. Ҳангоми омӯзиши физика низ дарки маънои қонунҳо, шартҳои татбиқи онҳо ва робитаи назария бо таҷриба аҳаммияти калон дорад.

Дуюм, бояд ба ҳалли масъалаҳо ва анҷом додани таҳқиқоти мустақилона одат кунанд. Хондани китобу мақолаҳои илмӣ зарур аст, аммо танҳо мутолиа кофӣ нест. Ҷавони муҳаққиқ бояд савол гузорад, фарзия пешниҳод кунад, далелҳоро таҳлил намояд, роҳи ҳалли масъаларо санҷад ва натиҷаҳои бадастомадаро бо меъёрҳои илмӣ муқоиса кунад.

Сеюм, сабру таҳаммулро аз даст надиҳад. Дар фаъолияти илмӣ на ҳар масъала зуд ҳал мешавад ва на ҳар фарзия дуруст мебарояд. Хато қисми табиии ҷустуҷӯи илмӣ аст, ба шарте ки он таҳлил шуда, барои пешрафти минбаъда истифода гардад.

Чорум, забонҳои хориҷиро омӯзанд, махсусан забонҳоеро, ки барои мутолиаи адабиёти илмӣ заруранд. Ҳамчунин, аз технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, оқилона истифода баранд. Аммо ҳар натиҷа, формула, далел ё маълумотеро, ки аз манбаъҳои электронӣ мегиранд, бояд санҷанд.

Ниҳоят, аҳаммияти ростқавлии илмиро дарк кунанд: манбаъҳоро дуруст нишон диҳанд, натиҷаҳои таҳқиқоти дигаронро аз они худ насозанд, маълумоти нодуруст пешниҳод накунанд ва маҳдудиятҳои таҳқиқоти худро эътироф намоянд.

Олим шудан танҳо ба даст овардани унвон ё нашри мақола нест. Пеш аз ҳама, ин роҳи омӯзиши пайваста, ҷустуҷӯи ҳақиқат, ташаккули тафаккури мустақил ва эҳсоси масъулият дар назди илм ва ҷомеа мебошад.

Мусоҳиб
**Гулҷаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## ХУШХАБАР БАРОИ МУШТАРИЁНИ «ОВОЗИ ТОҶИК»!

***Муассисаи давлатии «Таҳририяти рӯзномаи «Овози тоҷик» дар сомонаи расмии худ – www.ovozitojik.uz хидматрасонии навро ба роҳ монд.***

*Акнун хонандагон метавонанд матолиби сомонаро на танҳо ба забони тоҷикӣ, балки бо забонҳои гуногуни ҷаҳон низ мутолиа кунанд.*

*Хидматрасонии нав имкон медиҳад, ки маводи сомона ба 103 забони ҷаҳон, аз ҷумла ӯзбекӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, туркӣ, чинӣ... ба таври автоматӣ тарҷума ва пешниҳод шавад. Ҳамин тариқ, доираи хонандагони рӯзнома метавонад фаротар аз марзҳои забонӣ густариш ёбад ва матолиби он барои доираи васеътари корбарон дастрас гардад.*

*Истифода аз ин имконият хеле осон аст. Хонанда нахуст ба сомонаи www.ovozitojik.uz ворид шуда, матлаби мавриди таваҷҷуҳашро мекушояд. Сипас, бо пахш кардани нишонаи интихоби забон, ки дар поёни тасвири асосии матлаб ҷойгир аст, забони дилхоҳашро интихоб мекунад. Пас аз ин, матлаб автоматӣ тарҷума ва пешкаш мегардад.*

*Аҳаммияти ин иқдом танҳо ба осон шудани мутолиаи матолиб маҳдуд намешавад. Он барои густариши дастрасӣ ба иттилоот, муаррифии таъриху фарҳанг, забон ва ҳаёти иҷтимоии тоҷикони Ӯзбекистон ба хонандагони гуногунзабон, инчунин таҳкими робитаҳои дӯстона ва ҳамдигарфаҳмии байни халқҳо заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳамзамон, чунин имконият ба ҷалби хонандагони нав ва баланд бардоштани дастрасии муҳтавои рӯзнома дар фазои рақамӣ мусоидат мекунад.*

*Фаъол шудани ин хидматрасонӣ қадами дигари «Овози тоҷик» дар роҳи тавсеаи ҳузури худ дар фазои иттилоотии рақамӣ мебошад. Минбаъд матолиби рӯзнома барои доираи васеътари хонандагон, новобаста аз забони онҳо дастрас мегарданд.*

*Ба сомонаи «Овози тоҷик» ворид шавед ва имконияти нави мутолиаро озмоед!*

***«Овози тоҷик».***

## НИГОҲЕ БА 35 СОЛИ ФАЪОЛИЯТИ РӮЗНОМАҲО

***Дар Толори конгресси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон бахшида ба 35-солагии рӯзномаҳои «Халқ сӯзи» ва «Народное слово» таҳти мавзӯи «Феномени «Халқ сӯзи» ва «Народное слово»: неруи ниҳодӣ ва мактаби меъёрҳои касбӣ дар журналистикаи миллӣ» конфронси байналмилалии илмию амалӣ баргузор гардид.***





Дар чорабинӣ, ки таҳти ҳамкории шӯроҳои Сенат ва Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, Федератсияи иттифоқҳои касаба, Маркази таҳияи муҳтаво барои воситаҳои ахбори оммаи назди Маъмурияти Президент ва Донишгоҳи байналмилалии Нордик доир гардид, сенаторон, депутатҳо, намояндагони мақомоти идоракунии давлатӣ ва васоити ахбори умум, профессорону омӯзгорони муассисаҳои таълими олӣ ва дигарон иштирок карданд.

Дар оғоз гуфта шуд, ки конфронс ба муносибати 35-умин солгарди таъсиси «Халқ сӯзи» ва «Народное слово» – нашрияҳои расмии шӯроҳои Сенат ва Палатаи қонунгузорӣ ташкил гардида, дар доираи он нақши ин рӯзномаҳо дар ташаккул ва рушди журналистикаи миллӣ аз лиҳози илмӣ, назарӣ ва амалӣ таҳлил мегардад, инчунин, таҷрибаи ғании таърихии онҳо, аҳаммияти институтсионалӣ ва масъулияти касбии нашрияҳои чопӣ дар фазои муосири расонаӣ муҳокима мешавад.

Дар идома зикр гашт, ки нашри ин рӯзномаҳо аз 1 январи соли 1991 оғоз ёфта, онҳо ҷиҳати инъикоси ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии Ӯзбекистони соҳибистиқлол аз ҷумлаи манбаъҳои бонуфузи иттилооти расмӣ ба шумор мераванд. Дар марҳилаҳои гуногуни рушди мамлакат ин рӯзномаҳо дар инъикоси равандҳои муҳими ҳаёти давлат ва ҷомеа, расонидани навгониҳои қонунгузорӣ ба доираи васеи ҷомеа, шарҳу тавзеҳи моҳияти ислоҳот ва рушди муколамаи иҷтимоӣ ҷойгоҳи хоси худро касб кардаанд.

Инчунин, дар доираи чорабинӣ масъалаҳои гуногуни соҳа низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, нақши институтсионалӣ ва рисолати таърихии «Халқ сӯзи» ва «Народное слово» дар низоми журналистикаи миллӣ, марҳилаҳои рушди журналистикаи парлумонӣ, таҷрибаи инъикоси раванди эҷодкории қонун ва механизмҳои мулоқот бо ҷомеа баррасӣ шуданд. Ба масъалаҳои стандартҳои касбӣ дар фаъолияти ҳайати таҳририя, одоби журналистӣ, беғаразӣ ва масъулият барои ахбор, аҳаммияти журналистикаи таҳлилӣ дар инъикоси ислоҳоти ҳаёти давлат ва ҷомеа, ҳамоҳангии матбуот бо расонаҳои рақамии муосир, тағйирёбии касби рӯзноманигорӣ дар замони зеҳни сунъӣ, эътимоднокии иттилоот ва саводи расонаӣ диққати махсус дода шуд.

Омода кардани кадрҳо, рушди анъанаи «Устод – шогирд» ва мактаби маҳорати касбӣ, инчунин шаклҳои нави ҳамкории нашрияҳои чопӣ, интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ низ муҳокима гардиданд.

Дар идома дар Қасри иттифоқҳои касаба ба ин муносибат шоми бошукӯҳи бадеӣ баргузор шуд.

**Мухбири рӯзнома.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаи Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1028.
Адади нашр 2033. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
9 772010 775001

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.